ИТТИҲОДИ АВРУПО

НАМОЯНДАГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Изҳороти маҳалии Иттиҳоди Аврупо оиди барҳам додани Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавони "Ампаро"

***Намояндагии Иттиҳоди Аврупо изҳороти мазкурро бо ризогии Сарони сафоратҳои ИА дар Тоҷикистон дарҷ менамояд***

Намояндагии ИА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати барҳам дода шудани Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавони "Ампаро" бо қарори Суди шаҳри Хуҷанд изҳори нигаронӣ менамояд.

Намояндагии ИА мӯътақид аст, ки мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандии мустаҳкам ва мустақил пурра бар манфиати Тоҷикистон хидмат намуда, ва боварии комил аз он дорад, ки барҳам сохтани созмони ғайридавлатии "Ампаро" метавонад ба рушди минбаъдаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон таъсири манфӣ расонад.

Намояндагии ИА мурочиат ба мақомоти ваколатдори ҳокимиятдорони тоҷик мекунад, то қарори худро аз нав дида бароянд ва мувофиқи ӯҳдадориҳои бар дӯшгирифтаи Тоҷикистон роҷеъ ба мусоидати озодии иттиҳодияҳо иҷозатномаи фаъолияти созмони "Ампаро"-ро аз нав барқарор намоянд.

Душанбе, 01 ноябри соли 2012